

Субхи имрӯз Сардори Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон Абдуфатохи Гоиб Сафири Чумхурии Латвия дар Чумхурии Точикистон (намояндагиаш дар шахри Тошканд) чаноби Эдгаре Бондареро ба хузур пазируфт.

Дар огози сӯхбат Сардори Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон Абдуфатохи Гоиб изхор дошт, ки муносибатхои ду давлати ба хам дӯсту бародар 25 - сол боз аз чониби тарафхо судманд ва самаранок идома дорад.  Вохӯрии имрӯза имконият дод, ки робитахои иктисодии Хадамоти гумрук ва Хадамоти даромади давлатии Чумхурии Латвияро баррасӣ кунанд.



Хамзамон, Раёсати гумруки Хадамоти даромади давлатии Чумхурии Латвия бо максади

баланд бардоштани самаранокии чорахои пешгирии коидавайронкунӣ дар сохаи гумрук хангоми гузаронидани амалиёти убурӣ (транзит), хамчунин, тахкими густариши робитахо миёни Хадамоти гумруки Чумхурии Латвия ва Чумхурии Точикистон лоихаи муштараки "Идоракунии самараноки хавфхои гумрукӣ хангоми ичрои назорати боэътимоди гумрукӣ" - ро омода намуданд. Дар рафти мулокоти чонибхо Абдуфатохи Гоиб лоихаи мазкурро кобили кабул донист.



Маврид ба зикр аст, ки гардиши тичорати хоричӣ бо Чумхурии Латвия дар соли 2015  19 миллиону 704 хазору 624 доллари ИМА ва дар соли 2016  6 миллиону 311 хазору 502 доллари ИМА - ро ташкил додааст.

***Маркази матбуоти Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон***